**Тақризи**

**Доктори илмҳои фалсафа Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич ба автореферати рисолаи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа**

Рисолаи доктории Ё.Б.Ниёзӣ ба яке аз масъалаҳои калидии таърихи фалсафа ва фалсафаи илм бахшида шудааст ва дар он нигоҳи мутафаккирони асри миёнаи тоҷик Форобӣ ва Сино ва таъсири он ба равандиҳои афкори он давраи гуногуни фалсафию динӣ мавриди баррасӣкарда мешавад. Дар аввал диссертант муҳимияти мавзӯро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ин мавзӯъ ба таври пурра аз тарафи олимони таърихи фалсафа дида баромада нашудааст, то ки равандҳои ифротӣ нисбати нигоҳи онҳо бартараф карда шуда, арзишу муҳимияти он барои густариши илмҳои имрӯза нишон дода шавад.

Дар автореферат оварда мешавад, ки рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, ки ҳар яки он аз се фасл иборат аст, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат аст. Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дарафаи омӯзиши он, робитаи кор бо дигар таҳқиқотҳои имрӯзаи илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот,объекту предмети таҳқиқот, навгониҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот пешкаш шудаанд.

Дар боби аввал диссертант заминаҳои назарии таснифоти илмҳоро дар нигоҳи файласуфони Антиқа, Садаҳои миёнаи ва замони ҳозира дида мебарояд ва дар он умумияти раванди таҳқиқотҳои олимони пештара ва ҳозира нишон дода мешавад. Ҳангоми баррасии таснифоти илмҳое, ки аз тарафи файласуфони пештара пешкаш гардида буданд, тартиботе дида мешавад, ки умуман аз нигоҳи Афлотун ва Арасту бармеояд ва он дар нигоҳи аксари олимони то садади бист давом меёбад. Умуман онро гуфтан лозим аст, ки таснифоти илмро Афлотун ва Арасту вобаста ба мавзӯи таҳқиқот пешкаш намуда буданд ва чунин нигоҳро диссертант нишон медиҳад дода аст.

Дар боби дуюми рисола диссертант назарияҳои таснифи илм, ки аз тарафи Форобӣ ва Сино пешкаш шуда буданд, дида мебарояд ва ишора менамояд, ки дар нигоҳи Форобӣ ва Сино пайравии устувори якравонаи Арасту дида намешавад, балки онҳо дар баъзе мавридҳо аз вай канор гирифта, бештар нигоҳи худро густариш медиҳанд. Ба ҳар ҳол Форобӣ ва Сино чун шогирдони Арасту таснифоти илмро ба ду намуди калон ҷудо мекунанд: назарӣ ва амалӣ. Ниёзӣ ишора менамояд, ки Арасту дар асари худ “Этикаи Никомах” илмҳоро ба чунин намудҳо ҷудо мекунад ва чунин тарзи ҷудокунии илмҳо вобаста ба доираи мавзӯҳо мебошад. Илмҳои назариро ба физика, математика, мобаъд-ут-табиа. Илмҳои амалӣ бошанд ба илмҳои ахлоқ, оиладорӣ ва шаҳрдорӣ ҷудо карда мешавад. Доир ба чунин намуди тақсимоти илмҳо бояд онро гуфт, ки заминаи ҳамаи тапҷсимоти илмҳоро аз нигоҳи Ниёзӣ бештар дар заминаи мантиқӣ пешкаш шуда буданд, яъне қонунияти раванди маърифат дар ин ҷо ба назар гирифта мешавад (саҳифаи 15 автореферат). То чи андоза чунин санҷаи таснифоти илмҳо аз тарафи Форобӣ ва Сино риоя карда мешавад, дар боби дуюми рисола заминаи он бештар ривоҷ дода шуда, диссертант ба хулоса меояд, ки таснифоти илмҳо дар пайдарҳамӣ байён карда мешаванд. Дар муқоиса бо таснифоти илмҳое, ки дар замони ҳозира дода мешаванд, нигоҳи Сино ва Форобӣ давоми нигоҳи файласуфони Антиқа мешавад ва диссертант ин андешаро бо далелҳои возеҳ ва бо ишора ба матнҳои аслии мутафакирони номбаршуда исбот мекунад.

Дар боби сеюми диссертатсия Ниёзӣ таъсири андешаҳои Форобӣ ва Сино ба андешамандони ояндаи фалсафа ва дин дида баромада нишон медиҳад, ки новобаста аз он, ки дар ҳудуи таснифоти илмҳо нигоҳи динӣ вуҷуд надорад, ба ҳар ҳол он барои тартибоварии илмҳои динӣ таъсири худро расонидааст. Дар ин раванд арзиши мантиқии таснифоти илм, ки Сино ва Форобӣ дода буданд, боз як маротиба дар андешаҳои танқидии М.Ғазолӣ дида мешавад ва натиҷаи он ба густариши нигоҳи динӣ ва муносибати он ба илм мебошад, ки бештар,

чунон ки Ниёзӣ далел меорад, меъёри шариати ислом ва тасаввуф мебошад (с.25 автореферат).

Ба ҳар ҳол диссертант нишон медиҳад, ки мисол, Ғазолӣ дар заминаи таснифоти илмҳо, ки Форобӣ ва Сино пешкаш карда буданд, аз мантиқ сар намояд, ки берун аз баҳси фалсафӣ берун орад. Чунин кӯшишҳо дар фалсафаи асримиёнаи Аврупо аз тарафи Фома пешкаш карда шуда буд, ки дар натиҷа комёб намешаванд. Дар мисоли Ғазолӣ низ чунин натиҷа дида мешавад ва ӯ мантиқи амалиро сохта наметавонад, ки сирф хизмати динро иҷро намояд.

Дар натиҷа таҳлил онро ишора кардан лозим аст, ки таснифоти фалсафа дар оғоз, чунон ки Афлотун, Арасту, Зенон пешкаш карда буданд, аз мантиқ сар мешавад, ки он мавзӯи худро дошт, пас аз он ба илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ мегузаранд. Чунин таснифот дар осори Форобӣ ва Сино дида мешавад, аммо пас аз мантиқ имлҳои назариявӣ ва амалиро меоранд. Ҳол он ки дар нигоҳи мутафаккирони Антиқа ҳамаи ин таснифот дар ҳудуди фалсафа карда мешавад. Чунки фалсафа иборат аз мантиқ, физика ва ахлоқ ибоарт аст, аммо дар забони арабӣ фалсафаро чун илм тарҷума намекунанд, ки дар оянда чунин чигилҳои фаҳмиш паси ҳам такрор мешаванд. Диссертант дар як ҷойи рисола ишора мекунад, ки “Фаҳмиши илм аз назари Ибни Сино ҳамон фалсафа мебошад, ки ба назариву амалӣ тақсим мешавад.” (с.105 рисола).

Дар раванди чунин таҳлили афкори фалсафии Сино ва Форобӣ баъзе нуктаҳоро бояд қайд кардан лозим аст, ки онҳо бештар вижаҳои баҳснокро доранд.

1. Ҳангоми таҳлили нигоҳи Афлотун ва Арасту онро ишора карда мешавад, ки ҳамаи таснифот дар ҳудуди фалсафа доир мегардад ва таснифот дар асл таснифоти фалсафа мебошад, на илмҳо.
2. Диссертант бештар доир ба илмҳои амалӣ ва назарӣ, ки аз тарафи Сино ва Форобӣ пешкаш шуда буданд, диққат медиҳад, аммо оғози таснифоти фалсафа дар нигоҳи Афлотун, Арасту, Зенон аз мантиқ сар

мешавад, ки дар файласуфони машшоия мантиқ чун муқаддима ба илмҳо мегирад.

3. Тарафи забонии рисола бештар мафҳумҳои арабӣ зиёд мебошанд, ки эзоҳоти онҳоро додан лозим буд ва сабки баёни андеша ба забони ҳозираи монанд мешуд, беҳтар мегардид.

Чунин нуктаҳо арзиши илмии рисолаи доктории Ермаҳмад Бобо Ниёзиро паст намегардонад, аммо бештар барои аниқ ва равшан гардонидани баъзе аз паҳлӯҳои таҳқиқоти мавзӯъ кӯмак мерасонад. Албатта рисолаи докторӣ таҳқиқоти илмии олим мебошад ва аз тарафи диссертант корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Новобаста аз норасогиҳо рисолаи илмӣ мазмуни худро гум намекунад ва ба талаботи КОА ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, автореферати рисолаи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мутобиқ буда, сазовори баҳои мусбӣ аст.

доктори илми фалсафа Зоҳидов О.Ҳ.
профессори кафедраи
фанҳои ҷамъиятӣ ДДҲБСТ

Имзои Зоҳидов О.Ҳ. тасдиқ менамоям

Сардори шӯъбаи кадрҳои ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

735700
Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, кӯчаи
Р. Ҳоҷиев 30/47
Тел: 927203047
email: ochilzohidov@gmail.com